**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 016**
**назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе,**
**х. Рудаки, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)**

**Т а к р и з**

**ба автореферати диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна., дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва афзоиши доимии нуфузи аҳолӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои истеъмолӣ бо ҳаҷму сифати зарурӣ дар доираи таъмини талабот ва коркарди саноатии он дар мадди аввал меистад. Соҳаи гӯсфандпарварӣ бошад яке аз соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулот, ҳам барои истеъмол ва ҳам коркарди саноатӣ ба ҳисоб меравад. Вале, бо сабаби нокифоя будани манбаи хӯрокаи чорво, нубудани маблағҳои зарурии буҷетӣ барои рушди соҳаи гӯсфандпарварӣ, сатҳи махсулнокӣ ва даромаднокии он имрӯз ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ асосан гӯсфандони каммаҳсул нигоҳ дошта мешаванд. Аз сабаби набудани маблағҳои зарурӣ, корхонаҳои кишоварзӣ имконияти хариди зотҳои хушсифати гӯсфандонро надоранд, то ки ба сатҳи дилхоҳи самаранокии иқтисодии соҳа ноил шаванд. Ин ҳолат мубрамияти мавзӯи тадқиқотиро муайян менамояд.

Ҷанбаҳои муайяни назариявӣ, методӣ ва амалии омӯзиши проблемаи ташкили истеҳсолот ва бо ин роҳ баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти гӯсфанд дар асарҳои бисёр олимони иқтисодшиносони кишоварзӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, вале ин мушкилот дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули иқтисоди бисёрсоҳавӣ бо дарназардошти имкониятҳои рушди инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти гӯсфанд, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Кори таҳқиқотии Расулова Д. Б. маҳз ба таҳқиқи ин масъалаҳо бахшида шудааст.

Унвончӯ тавонистааст дар асоси таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик истифодаи таҷрибаи махсусгардонии раванди истеҳсол ва содироти пашм, тадбирҳои ҳимояи давлатӣ, ки ҳангоми ҷорӣ намудани боҷҳои баланд оид ба воридоти маҳсулоти пашмини Австралия, минтақабандӣ ва барраҳоро аз гӯсфандон бармаҳал ҷудо карда, дар чарогоҳҳо нигоҳ доштани Британияи Кабир, минтақабандии гӯсфандон бо назардошти равияҳои истеҳсолӣ: парвариши гӯсфандони маҳинпашм, ниммаҳин ва маҳинпашм, барои пӯстин, парвариши гӯсфандони қарокӯлӣ ва гӯштӣ – серравғани Россия, таъсиси ширкати ягонаи холдингӣ бо корхонаҳои коркарди маҳсулоти гӯсфанди Беларус, дастгирии давлатии дотатсияи маҳсулоти гӯсфандпарварии Қазоқистон ва ташкили ассотсиатсияҳои деҳқонии гӯсфандпарварии Қирғизистон барои Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Самтҳои афзалиятноки ташкили истеҳсолот ва рушди истеҳсоли маҳсулоти гӯсфандпарварӣ бо назардошти ташкили ҳамгироии иқтисодии соҳаҳои гуногун дар шакли агрокластерҳо, истифодаи технологияи инноватсионии ташкили истеҳсолот ва парвариши гӯсфандон, моделҳои сармоягузории рушди гӯсфандпарварӣ ҳамчун самтҳои баланд бардоштани самаранокии ташкили он пешниҳод карда шудаанд.

Дар қатори дастовардҳо дар автореферати кори диссертатсионӣ ба назари муқарриз баъзе норасогиҳо мавҷуд аст.

Агар муаллиф даромад аз ҳар як сар гӯсфанд дар заминаи зотҳо ва зерминтақаҳоро муайян менамуд, рисола боз қавитар мегашт.

Вале эроди мазкур наметавонад ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқот таъсири манфӣ расонад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Расулова Д.Б., дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Садридинов С

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Айнӣ 44Тел: (+992 37)221-67-50 www.ied.tj

*Имзои д.и.к., х.п.и. Садридинов С-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИва Д АМИТ Қурбонов Э.Т.